Матлаби Сайидюнуси Истаравшанї, ки зери домани охундњои шиамазњаб панањ бурда бо мардуму давлати Тољикистон душманї меварзад, тањти унвони пурвоњимаи «Парвандаи Хочӣ Умаралӣ ва Чамол: нукоти ифтироку иштирок» дар пойгоњи ифротии иттилоотиаш интишор ёфт. Сайидюнус дар ду банд ќазияи марги рўзноманигори Саудї Љамол Хошуќчиро бо ќатли рањбари собиќи «Гурўњи 24» Умаралї Ќувват рўшан карда, ба ќавли худаш дар ќолаби «ифтироќу иштирок» (фарќият ва шабењият) мавриди «тањлил» ќарор додааст.

Сайидюнус, одатан бозї кардан бо калимотро, ки дар сабки њиндї аз мушаххасоти калидї мањсуб меёфт (манзур назарияпардозињои «ифтироќию иштирокї»-и вай аст), хеле дўст медорад ва бар ин асос матолибашро љур месозад, то дигарон ба ќудрати эљодї ва тафаккури тањлилиаш њамду сано хонанд. Мо њам ба фантазияи ў њамду сано мехонем. Ва аммо масъалаи мазкурро дар бастагї бо назароти вай пайгирї намуда, дар се банд натиљагирї кардем. Инак:

1. Мавриди аввали бањси Сайидюнус ин аст, ки марги мухолифи Њукумати Тољикистон Умаралї Ќувват бо ќатли рўзноманигори варзида ва мунтаќиди режими Саудї Љамол Хошуќчї дар як сатњ ќарор доранд, вале аввалї дар сархатти расонањои љањонї ќарор нагирифт. Посух ин аст, ки Љамол Хошуќчиро, воќеан, наметавон бо Умаралї Ќувват, ки як соњибкори номуваффаќ будааст, дар як маќом љой дод. Љамол Хошуќчї рўзноманигори варзидае мебошад, ки маќолоташ дар нашрияи бонуфузтарини љањонї – Вашингтон-пост интишор меёфт ва аз зумраи тањлилгарони забардасти сиёсї ба шумор мерафт. Аммо Умаралї Ќувват (Худо рањматаш кунад)-ро танњо дар доирањои мањдуди бизнеси дохилї мешинохтанду халос ва замони њангомасозињояш баъзе доирањои сиёсии хориљї аз ў ба унвони абзори таъсиррасонї истифода карданд. Ин буд, ки дар хориљ аз кишвар чанде њангома барпо кард ва ин њангомасозињояш ба хотири ба ќудрати сиёсї расидан ва афзудани бизнеси хонаводагиаш иттифоќ афтода буду бас. Хошуќчї бошад, баръакс, рўзноманигори њирфаї буд ва агар версияи ќатли ў собит шавад, аз љониби гурўњњои манфиатхоњ сурат гирифтааст, то дар муњитњои сиёсии Арабистони Саудї љави нави сиёсї ва њангомањои тозаи геополитикї арзи вуљуд намоянд ва хостњои гурўњњои манфиатхоњ бароварда шаванд.

2. Бояд гуфт, ки маќомоти марбутаи Арабистони Саудї ва Туркия ќазияро дар њамбастагї тањќиќ ва бозљўйї мекунанд. Ин нуктаро дар рўзњои аввали пахши ќазия маќомдорони Саудї иброз доштанд ва масъулини ситодњои бозљўйї дар њамкории танготанг макон ва авомили њодисаро пайгирї карда истодаанд. Аммо, он чи ки Сайидюнус ба унвони санаду далел манзур месозад ва бар њамсў шудани ду тараф – Туркия ва Саудї дар њалли ќазияи Хошукчї таъкид меварзад, танњо як назари инфиродї аст. Бигзор бошад, вале баррасї ва бозбинии мунсифонаи парвандаи нобудии Љамол Хошуќчї ба манфиати Саудї мебошади Ин аст, ки валиањди Саудї Муњаммад бен Салмон гурўњи кории вежа тартиб дода, ќазияи мазкурро мавриди баррасї ќарор медињад. Дигар ин ки нуфуз ва обрўйи сиёсї ва давлатии Саудї васати мољаро ќарор дорад, аз ин лињоз, гурўњи вежаи тањлилї ва бозљўйии Саудї дар њамбастагї бо хадамоти ташхисии Туркия масъаларо љиддї пайгирї менамоянд, то њадсу гумонњоро дар робита бо даст

доштани давлати Саудӣ дар ќатли Хошуќчӣ аз миён бардорад. Дар ин миён Туркия њам, барои он ки нуфузи сиёсиашро дар минтаќа аз даст надињад, њељ кадом бозиеро (ки Сайидюнус њадс мезанад) эљод намекунад, то латмаи љиддие дар пайкари сиёсию давлатиаш ворид нагардад. Афзун бар ин, ИМА ва шахси Раисљумњур ќазияро љиддӣ пайгирӣ менамоянд ва, фаразан, агар Туркия дар сўйистифодаи масъалаи ќатли Хошуќчӣ љойе ба иштибоњ биравад, танишу шикофњо миёни Саудӣ, ИМА ва Туркия амиќтар мегарданд. Ин аст, ки Туркия манфиатдор нест ќазияро ѓайримунсифона бозљўйӣ намояд ва Саудиро ба иљбор тарафи худ бикашад, то ниёзњои сиёсию геополитикиашро дар минтаќа бароварда созад. Албатта, изњорназарњое, ки тањлилгарони сиёсии туркӣ устоди донишгохи равобити байналмилали Туркия Кадир Хосс ва генерали бознишастаи турк Ахмад Ёвуз дар шабакаи «Алчазира» ироа доштаанд, барои радду бадали ќазия ва шинохтани авомили зарурӣ заруранд, аммо онњоро дар натиљагирӣ минњайси эталон наметавон пазируфт, иттифоќан, навиштаи Сайидюнус њам як мавќеъгирии мунњасир ба фард ва доирањои фармоишӣ асту бас.
3. Сайидюнус, тавре ки ќаблан ишора рафт, парвандаи ќатли Умаралӣ Ќувватро бо нобудии Хошуќчӣ дар як тарозу санљидан мехоњад ва Туркияро дар додуситадњо миёни Њукумати Тољикистон ва Туркия муќассир мешуморад. Мавќеъгирии Сайидюнус маълум аст. Фаразан, агар дар куштори У. Ќувват Њукумати Тољикистон ва сохторњои амниятӣ муќассир мебуданд (ки ин тањњо фарзияи Сайидюнус ва њаммаслаконаш асту бас), Туркия кайњо ин ќазияро рўшан мекард ва дар сархатти ахбори расонањои минтаќавӣ ќарор медод. Ин имкониятро Туркия дорад, аммо чун дар он ангезаи сиёсиро надид, муљримро пайдо ва њабс намуда, парвандаро ба итмом расонид. Илова бар ин, Туркия аз пинњон кардани далоили даст доштани тими амниятӣ дар куштори У. Ќувват чӣ манфиати молию сиёсӣ медид ва ё ба истилоњи ирониён, чӣ гираш меомад? Њељ ва фикр накунам, ки барои манфиати ночизе Туркия маводи тафтишотиро пинњон дорад ва бо обрў ва нуфузи минтаќавиаш сањлу осон бозӣ кунад. Бигзарем, Њукумати Љумњурии Тољикистон дар ќатли Умаралӣ Ќувват, аслан даст надорад, чунки ў шахсияти харизматике набуд, ки атрофаш миллатро љамъ карда тавонад ва тарњи инќилоберо рођандозӣ созад. Њатто дар миќёси мањал У. Ќувватро намешинохтанд, чи расад ба сатњи љумњурӣ. Аз ин љост, ки ду нафар – У. Ќувват ва Љамол Хошуќчӣ, чи аз лињози нуфузу мартабаи сиёсию иљтимоӣ ва чи аз љињати донишу фазилат шабењи њам нестанд ва наметавон њар дуро дар як мизони фикрӣ ва сиёсӣ андозагирӣ кард.

Фаридун Ориёӣ